«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________Раҳмон Д.С.
«___03___»______01______соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович дар мавзӯи "Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03-педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**Мубрамияти таҳқиқот**

Рисолаи унвонҷӯй Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович ба проблемаи муҳимми илми педагогикаи ватанӣ - ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ дар тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ бахшида шудааст. Тазаккур медиҳем, ки осорхонаҳои мактабӣ нигаҳбон ва муаррифгари мероси бузурги фарҳангӣ буда, бо ҳаёти ҷомеа робитаи қавӣ доранд. Онҳо чун муассисаи иҷтимоӣ ва таълиму тарбиявӣ ба шуур ва тафаккури насли наврас ва ҷавонон таъсири мусбӣ расонида, дар ташаккули дунёи маънавӣ, худшиносии миллӣ, ғояҳои меҳанпарварӣ ва ватандӯстии онҳо дар пояи анъанаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши муассир доранд. Имкон медиҳанд, ки насли имрӯз ба гузашта ва хоса ба таҷрибаи рӯзгор рӯ оварда, анъана ва асолатҳои ахлоқӣ, решаҳои аслии хешро дониста гирад.

Чунонки аз муҳтавои рисола ва таҳлили муаллиф бармеояд, таърихи гузашта ва зиндагиномаи ниёгони мо пур аз саҳифаҳои шуҷоат ва

қаҳрамонӣ буда, дар ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони макотиби миёна унсурҳои пурарзиш, аз ҷумла, меҳру муҳаббати бепоён ба ватан, ватандорӣ ва ҳуввияти миллиро бедор месозад. Тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ водор месозад, ки онҳо нисбат ба зодгоҳ ва меҳани хеш, арзишҳои миллӣ нигоҳи пурмеҳр пайдо карда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки номбардор ва ворисони гузаштагони номдори кишвар бошанд.

Навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи муосири пажуҳиш ошкор сохтани самтҳои асосӣ ва вижагиҳои педагогии ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавононро тавассути осорхонаҳои мактабӣ зарур мешуморад.

Унвонҷӯй ба дарёфти консепсия ва равиши таҳқиқоти педагогӣ аз манзари амиқ ва равшан сохтани роҳҳои ташаккул ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия дар раванди таълим омӯзгорон ба дастовард ва бузургдошти арзишҳои миллӣ такя карда, хонандагонро ба фазои вусъатпазири мавқеи шаҳрвандӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ бо малакаҳои арзёбии эмотсионалӣ дар робита ба муносибати мусбӣ, рафтор ва фаъолияти шогирдон муваффақ мегарданд.

Муаллиф ошкоро мегӯяд, ки яке аз омилҳои паст будани дараҷаи мавқеи шаҳрвандии хонандагони мактабҳо дар он аст, ки таҳқиқ ва омӯзиши нақши осорхонаҳо дар заминаи анъанаҳои пешкадам ва мусбат, ки аҳамияти педагогӣ ва назариявию амалии такмили низоми таълиму тарбияро дар бар мегирад, на ҳамеша дар madди ҷиддии таҳлилу омӯзиш қарор дорад..

Унвонҷӯй дар таҳлилу тадқиқи ҷойгоҳ, шаклу воситаҳои таълим, хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҳувияти миллӣ ва тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ; муайян кардани роҳ, усул, низом ва тартиби парвариши мавқеи шаҳрвандии

наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ; коркард ва пешниҳоди низоми хоси педагогӣ оид ба ташаккул ва парвариши мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ андешаҳои ҷолиброро баён карда, дар самти мавзуи интихобшуда ба ҳадафҳои нишонрас муваффақ шудааст.

Дар рисолаи унвонҷӯй Абдулов Ҷ.М. ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазоифи зерин таҳқиқи худро ёфтааст: омӯзиши адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷи кишвар, диссертатсияҳо, монографияҳо ва мақолаҳо доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз онҳо; интихоби метод ва усулҳое, ки ба ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони мактабҳои миёна дар заминаи осорхонаҳо мусоидат мекунанд; дар заминаи таъсис додани озмоиш - эксперименти педагогӣ, аз ҷумла, озмоиши муқарраркунӣ, пурсишномаи хонандагон ва омӯзгорон, муайян намудани вазъи ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ: сатҳу сифати маҳорату малакаи хонандагон дар самти мазкур ва тарзи муносибати омӯзгорон оид ба мавзуи таҳқиқот бо мақсади дақиқ намудани нуқсону камбудиҳои мавҷуда дар доираи масъалаи баррасишаванда дар ҷодаи таълими мавзуи таҳқиқот.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз заминаҳои методологӣ ва назариявии пажуҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои бунёдӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажуҳиш мутобиқ ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ; таҷрибаи амалӣ ва педагогии муаллифи рисола тасдиқи худро ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

1. Таҳқиқоти мазкур аз нахустин корҳои илмии мукаммал оид ба омӯзиш ва баррасии ташаккул ва парвариши мавқеи шаҳрвандии

хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ мебошад.

2. Дар раванди таҳқиқ мушкилоти тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушаххас гардида, нақши осорхонаҳои мактабӣ чун нишони боэътимоди ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллӣ ҳаллу арзёбӣ шудааст.

3. Дар заминаи истифода аз мероси гаронбаҳои моддӣ-маънавии халқи тоҷик, ки, аз ҷумла, дар осорхонаҳои мактабӣ гирд оварда шудаанд, роҳҳои оқилонаи тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар амалияи фаъолияти ҳаррӯза бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ-психологӣ татбиқ гардид.

4. Дастовардҳои илмии муаллиф дар тадқиқот имкон медиҳад, ки ҳисси баланди худшиносии миллии хонандагон дар масири дурусту беғалат омӯхтани маводи дар осорхонаҳои мактабӣ мавҷуд буда бедор гардад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он масъалаҳои истифодаи усулҳои гуногуни тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, ки табиати ватандӯстӣ доранд, ҷиҳати ғанӣ гардондани методологияи таълим, бо роҳи истифода аз моделҳои дидактикӣ, мавқеъ ва тарзи истифодабарии унсурҳои хусусияти миллидошта тадқиқ шудааст ва барои омӯзгорон, унвонҷуён, донишҷӯёни факултетҳои таърих ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузурги амалӣ касб мекунад.

Омӯзгорон ва дастандаркорони соҳаи маориф, ки ба масъалаҳои тарбияи мавқеи шаҳрвандӣ, таълиму тарбияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва ҳувияти миллӣ сару кор доранд, аз рисола васеъ истифода бурда метавонанд. Муҳаққиқон ва алоқамандони таърихи халқи тоҷик, омӯзгорони фани таърих, кормандони осорхонаҳои мактабӣ дар самти таълиму тарбия метавонанд аз маводи рисола баҳрабардорӣ намоянд, ки он далели аҳамияти назарраси амалӣ доштани рисола маҳсуб меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) дар самтҳои зерин мувофиқат мекунад: таърихи ташаккул ва рушди назария ва методикаи омӯзиш тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот бо тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ, ташкил ва истифодаи методҳои нав, равишҳои методӣ, воситаҳои техникии омӯзиш дар соҳаҳои гуногуни дониш; фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавӣ-озмоишии омӯзгорони фанҳо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи омӯзиш тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот: таърихи ташаккул ва рушди назария ва методикаи омӯзиш тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот бо тарбияи мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ, ташкил ва истифодаи методҳои нав, равишҳои методӣ, воситаҳои техникии омӯзиш дар соҳаҳои гуногуни дониш: фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавӣ-озмоишии омӯзгорони фанҳо ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи омӯзиш тибқи соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он тазаккур меёбад, ки бо иштироки бевоситаи муаллифи рисола дар асоси мактубҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дастури мудирони шуъбаҳои маориф дар якчанд шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ оид ба масъалаи асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ бо ташаббуси муҳаққиқ гузаронида шуд; аз ҷумла дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Панҷакент, ноҳияҳои Данғара, Кушониён, Рӯдакӣ. Муҳаққиқ барномаи тарбияеро, ки мундариҷаи асосҳои педагогии тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабиро

инъикос мекунад, санҷиш, таҳия ва пешниҳод намуда, блокҳои кори таҷрибавиро равшан кардааст. Шаклҳо ва усулҳои муассири тарбияи мавқеи шаҳрвандии наврасону ҷавонон тавассути осорхонаҳои мактабӣ дар шароити муосири иҷтимоию фарҳангӣ муайян карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсия дар семинару конференсияҳои ҷумҳуриявӣ (солҳои 2010-2023) дар "Осорхонаи маорифи Акдемияи таҳсилоти Тоҷикистон" дар шакли маърӯзаҳои илмӣ гузориш шудаанд. Аз рӯи мавзӯи диссертатсия 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳо, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми он 182 саҳифаи чопи копиютериро ташкил мекунад.

Диссертатсияи унвонҷӯӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар матн ҷадвал, диаграмма ва расмҳо мавҷуд буда, рӯйхати адабиёт 196 манбаъро фаро мегирад.

Дар боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ" як силсила масъалаҳо, амсоли таърихи пайдоиш ва таъсисёби осорхонаҳо дар ҷаҳон, ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони макотиби миёна ҳамчун рукни таркибии тарбияи худшиносии миллӣ, асосҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонадагон тавассути осорхонаҳои кишваршиносии мактабӣ, хусусиятҳои хоси ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонадагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ мавриди пажуҳиш ва баррасии ҳамаҷониба қарор ёфтааст.

Муаллиф, аз ҷумла, қайд мекунад, ки осорхона - муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва фарҳангӣ-маърифатие буда, вазифаҳои иҷтимоии худ - пуррагардонӣ, нигоҳдорӣ, омӯзиш ва тарғиби ёдгориҳои таърихию

фарҳангӣ ва инчунин объектҳои табииро бозгӯ менамояд. Осорхонаҳо дар маҷмуъ муҳити махсусро ба вуҷуд оварда, дар асоси он барои ташаккулёбии арзишҳои маънавӣ, натиҷаҳои моддии фаъолияти одамон ва объектҳои табиат хизмат менамоянд.

Дар боби дуюм – "Шароитҳои педагогии татбиқи корҳои таълиму тарбиявии осорхонаҳо дар ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" муаллиф масъалаҳоеро мавриди назар ва ҳалу фасл кардааст, ки дар самти истифода ва татбиқи самараноки ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонадагон тавассути осорхонаҳои мактабӣ, мазмун ва мундаричаи фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ дар ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагони макотиби миёна, таҳлили натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-таҳқиқотӣ оид ба рушди мавқеи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути осорхонаҳои мактабӣ баҳс мекунанд.

Муаллифи рисола мутмаин аст, ки осорхонаи мактабӣ дар ҷараёни таълиму тарбия роҳҳои нави рушди тафаккурро мекушояд ва барои таълим, рушд ва тарбияи хонандагон имкониятҳои нав фароҳам меорад. Бо истифодаи маводи ҷамъшудаи осорхона раванди гузаронидани дарсҳо ва инчунин ҳамаи намудҳои чорабиниҳо самараноктар мегардад ва ба ин васила фазои омӯзишии фарҳангӣ-маърифатӣ ба мактабиён ба осонӣ дастрас хоҳад шуд. Ташкил ва созмони осорхонаҳои мактабӣ дар соҳаи маориф ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки мундарича, метод ва шаклҳои ташкилии таълиму тарбияро сифатан тағйир диҳанд.

Дар диссертатсияи Абдулов Ҷ.М. дурустии мақсад ва вазифаҳо, фарзияи таҳққиқот тавассути баргузории озмоиши таълимӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ тасдиқи худро собит кард. Рисола собит кард, ки тавассути кор бо осорхонаҳои мактабӣ ва дар сурати мақсаднок ба роҳ монда шудани фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ дар зеҳну шуури хонандагон фаъолмандии шаҳрвандӣ, худшиносиву ватандӯстӣ ва ҳуввияти баланди миллӣ бедор хоҳад гашт.

Аз ин лиҳоз, рисолаи илмии унвонҷӯй Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудинович хотимаёфта маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти мазкур бо барномаи илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар рисола таҳлили вазъи ташаккули кунунии мавкеи шаҳрвандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври бояду шояд мушоҳида нагардид. Дар ин бобат унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси бозёфт ва ё ноқисиҳои кор дар ин самти ҳаётан зарури тарбияи насли наврас дар партави проблемаи инитихобшуда баён намояд.

2. Дар рисола муаллиф ба андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар оид ба аҳамияти осорхонаҳои мактабӣ дар ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагон васеъ таваҷҷӯх намудааст, вале бобати баёни андешаҳои хеш гоҳо ба маҳдудият дучор шуда, хулосаҳояшро нопурра арзёбӣ кардааст.

3. Дар матни ҳам рисола ва ҳам фишурдаи диссертатсия хатоҳои услубӣ ҷой доранд. Ҷумлаҳо набояд дарози дароз бошанд, онҳоро мебоист кутоҳтар карда, баёни муъҷази матлабро муваффақ бояд шуд. Табиист, ки он ҳама забону услуби илмии таҳқиқотро андаке коҳиш медиҳад.

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Абдулов Ҷамолиддин Муҳрудиновичро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои зарурро ба таври возеҳ ва васеъ истифода

кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй тадқиқоти масъалаи гузоштаашударо дар робита бо истифодаи технологияи муосири таълимӣ мувафаққона ва дар сатҳи пурарзиш ба анҷом додааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф бори аввал дар заминаи таҳлилу хулосабарорӣ аз натиҷаҳои озмуни муқарраркунӣ коркарди равиши масъалаҳоро оид ба ташаккули мавқеи шаҳрвандии хонандагон дар заминаи осорхонаҳои мактабӣ пешниҳод кардааст.

Дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ унвонҷӯй Абдулов Ҷ.М. дар мавзуи "Осорхонаҳои мактабӣ ва саҳми онҳо дар рушда мавкеи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии хонандагони муаасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" маъруза намуда, ба саволҳои ҳозирин ҷавобҳои мушаххас ва амиқу возеҳ дод.

Такриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович мураттаб шудааст.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки ба талаботи бандҳои 76, 79–и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ , ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдулов Ҷамолиддин Мухриддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03-педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 10 нафар, "бетараф" - нест, "мукобил" - нест (протоколи семинари илмӣ-назариявии кафедраи

умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 08 январи соли 2024, №6)

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Котиби ҷаласаи
васеи семинари илмӣ-назариявӣ — Расулова Нодира Сайдаламовна

08.01.2024

**Маълумот барои тамос:** 735360,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб,
кӯчаи Сангак Сафаров 21;
Тел: (83322) 2 35 06
E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои Назаров Ҳ.С., Лоиқов П.Ҷ,
Расулова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.